آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

24 сентябри соли 2022 Шанбе № 76 (14880)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ОИД БА ЛОИҲАҲОИ СОХТМОН ДАСТУРҲО ДОДА ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти лоиҳаҳои сохтмони як қатор объектҳо шинос шуд.

Пешниҳодҳо оид ба бунёд намудани Шаҳраки олимпӣ дар Тошканд, ки соли 2025 мизбони Бозиҳои осиёии наврасон хоҳад буд, баррасӣ шуданд. Мувофиқи талаботи байналмилалӣ дар шаҳрак варзишгоҳи олимпӣ, маҷмӯъҳои варзишии пӯшида, қасри варзишии об, майдончаҳои машқкунӣ, канали заврақронӣ сохта мешаванд.

Дар тақдимоти гузашта дар ин мавзӯъ Президент таъкид кард, ки маҷмӯъҳои варзишӣ бояд муддати тӯлонӣ ба мардуми мо хидмат кунанд, аз ин рӯ, онҳо бо сифати баланд сохта шаванд.

Ба ин муносибат ба лоиҳакашӣ ва сохтмон ширкатҳои хориҷӣ, ки дар ин соҳа таҷрибаи бой доранд, ҷалб карда мешаванд. Сарвари давлат аҳамияти таъмини универсалии иншоотҳои варзиширо қайд намуд. Оид ба самаранокии энергетикии иншоотҳои оянда аз ҳисоби насби панелҳои офтобӣ дар боми стадионҳо ва биноҳо, дар майдонҳои холӣ шиндони миқдори зиёди дарахтон тавсияҳо дода шуданд.

Дар рафти тақдимот инчунин, лоиҳаи Донишгоҳи «Ӯзбекистони Нав» мавриди муҳокима қарор гирифт. Ба нақша гирифта шудааст, ки барои он аз ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт ҷой ҷудо карда, сохтмони бинои корпусҳои таълимӣ, маъмурият, хобгоҳ барои омӯзгорон ва донишҷӯён, ошхона, китобхона, лаборатория, маҷмӯи варзишӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳоло дар ин ҷо Мактаби президентӣ қарор дорад. Дар оянда дар ин ҷо Агентии муассисаҳои таълими президентӣ низ ҷойгир хоҳад шуд. Онҳо якҷоя бо донишгоҳ дар соҳаи таълим комплекси ягона ташкил мекунанд.

– Мактабҳои махсусгардондашуда такягоҳи мост, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Дар онҳо фарзандони мо соҳибмаълумот ва ҳамаҷониба баркамол ба воя мерасанд. Донишгоҳ идомаи ин низом гардида, барои кишварамон мутахассисони серталабу замонавӣ тайёр мекунад. Аз ин рӯ, бояд тамоми шароит, услуби пешқадам фароҳам оварда шавад.

Сарвари давлат зарурати ҷалби бештари бинокорони маҳаллиро ба ин кор таъкид кард.

Лоиҳаи навбатии пешниҳодшуда барои мусоидат ба рушди ҷавонон пешбинӣ шудааст. Он сохтмони марказҳоро дар маҳаллаҳо пешбинӣ менамояд, ки стадионҳо, майдончаҳои бачагона, китобхона, толорҳои компутерӣ, ошхона, ҳаммом ва дигар иншоотҳоро фаро мегиранд.

Бо супориши Президент, бо назардошти андешаи аҳолӣ, ҷойҳое, ки чунин марказҳо бунёд хоҳанд шуд, муайян гардиданд. То имрӯз дар 171 маҳалла сохтмони майдончаҳои варзишӣ оғоз гардида, 604-тои он ба истифода дода шудааст.

Идомаи мантиқии ин кор қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 11 апрели соли ҷорӣ «Дар бораи ба марҳилаи нав бардоштани ҷалби ҷавонон ба варзиши оммавӣ дар маҳаллаҳо» гардид. Мувофиқи ҳуҷҷат олимпиадаи «Панҷ ташаббус» баргузор гардид, ки дар он 279 маҳалла ғолиб омада, соҳиби ҷоиза гардиданд. Ба сифати мукофот ва ҳавасмандгардонии ҷавонон ба варзиш дар ин маҳаллаҳо маҷмӯъҳои универсалии варзишӣ, майдончаҳои стритбол ва воркаут бунёд карда хоҳанд шуд.

Ба ғайр аз ин, дар 208 маҳалла, ки инфрасохтори варзишӣ надоранд, майдончаҳо барои бозии стритбол ва воркаут офарида мешаванд.

Пас аз ташрифи самарабахши давлатии Президент Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Куриё моҳи декабри соли гузашта кор оид ба ташкил кардани кластери тиббӣ дар Тошканд пурзӯр гардид. Ҳамин таъриқ, бо дастгирии Фонди рушди иқтисодӣ ва ҳамкории Куриё (EDCF) бунёд намудани маркази тиббӣ барои калонсолон, клиникаи онкологӣ ва донишгоҳ ба нақша гирифта шудааст.

Ин се комплекс якҷоя бо Маркази тиббии бачагонаи мавчуда кластери ягонаро ташкил медиҳад. Низоми пешқадами таълим ва табобат, ки ба таҷрибаи куриёӣ асос ёфтааст, ташкил карда мешавад. Ҳамагӣ дар муассисаи тиббӣ 900 кат гузошта хоҳад шуд. Корҳои сохтмонӣ дар соли 2023 оғоз мешаванд.

Сарвари давлатамон ба шахсони масъул бинобар татбиқи лоиҳа супоришоти дахлдор дод.

ЎзА.

Муносибат

ГИРДИҲАМОЙ ҲИССИ БОВАРИИ ТАРАФАЙНРО БОЗ ҲАМ МУСТАҲКАМ НАМУД

Ҷамъомади Шӯрои сарони давлатҳои СҲШ – Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, инчунин давлатҳои нозир – Белорус, Муғулистон, Эрон, ба сифати меҳмон – Туркия, Озарбойҷон, Туркманистон, Арманистон, СММ ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ, ки бо раисии Ӯзбекистон дар Самарқанд баргузор шуд, баҳри мустаҳкам намудани пойгоҳи ҳуқуқии ҳалли масъалаҳои байналхалқии сиёсию иқтисодӣ хидмат мекунад.

Фикри некхоҳонаи роҳбари давлатамон: “Ҳар яки мо ҳар қадар тавоно ва неруманд бошем, ташкилоти ҳамкории мо ҳамон қадар мустаҳкам мегардад”-ро иштирокдорони ҷамъомад якдилона ҷонибдорӣ намуданд.

Дар ҷараёни ҳамоиши байналхалқӣ зиёда аз 40 ҳуҷҷати давлатҳои аъзои СҲШ қабул карда шуд. Байни давлатҳои аъзои созмон доир ба барпо намудани роҳҳои нақлиётӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҷорӣ намудани таклифҳои агротехникӣ, истифода аз технологияи истеҳсолот, манбаъҳои азнавкоркарди энергия, рушди инфрасохтор, саноат, рушди барномаҳои ҳамкорӣ дар самти саводхонии рақамӣ, инчунин, ташаккули савдои миёни минтақаҳо, доир ба ҳамкорӣ дар соҳаи тиб, пешгирӣ ва муолиҷаи беморӣҳои гузаранда тартиб додани “харитаи роҳ” меморандум ва ҳуҷҷатҳои дахлдор ба имзо расиданд.

Ҳуҷҷатҳо бевосита ба тадбиқи нақшаи ҳамаҷонибаи чорабиниҳои кишварҳои аъзои СҲШ барои солҳои 2023-2027 бобати некҳамсоягии бардавом, дӯстӣ ва ҳамкорӣ хидмат мекунад. Яке аз воқеаҳои муҳими ҳамоиш он буд, ки ҷониби Эрон ба меморандум доир ба гирифтани мақоми аъзо ба СҲШ имзо гузошт. Тавсеаи пешбинишудаи созмон тавассути имзои меморандумҳо бобати додани мақоми шарикӣ дар гуфтугӯ бо Миср, Арабистони Саудӣ ва Қатар сурат гирифт.

(Давомаш дар саҳ.3).

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ҚУЛАЙИҲОИ ИЛОВАГӢ БА АҲОЛӢ ҲАНГОМИ ИСТИФОДАИ ҚАРЗҲОИ ИПОТЕКӢ

Ба мақсади дастгирии аҳолии ба беҳтар гардондани шароити манзилӣ эҳтиёҷманд, минбаъд такмил додан ва васеъ намудани таҷрибаи истифодаи механизмҳои қарздиҳии ипотекӣ:

1. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он **аз 1 январи соли 2023 сар карда музди меҳнат ва дигар даромадҳои шаҳрвандоне**, ки ба онҳо барои ҷуброни як қисми бунаки ибтидоӣ ва як қисми фоизҳо оид ба қарзҳои ипотекӣ **субсид дода шудаанд**, ки **барои пӯшондани қарзҳои ипотекии** барои харид, сохтмон ва таҷдиди манзил гирифташуда ва **фоизҳои ба онҳо ҳисобшуда равона карда мешаванд, андоз аз даромади шахсони ҷисмонӣ ситонда намешавад.**

2. Муқаррар карда шавад, ки:

имтиёзе, ки дар банди яки қарори мазкур нишон дода шудааст, нисбат ба қарзгиранда ва шарикони қарзгир аз рӯйи даромаде, ки аз нишондиҳандаи 80 баробараи музди меҳнати камтарин дар тӯли як даврои андоз зиёд намебошад, татбиқ карда мешавад;

аз соли 2023 ҳангоми бегона шудани амвол, ки аз ҳисоби қарзи ипотекӣ гирифта, сохта ё ки таҷдид карда шудааст, дар тӯли 36 моҳ аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ ба амволи даромад, ки дар банди якуми қарори мазкур нишон дода шудааст, ба тартиби муқаррарҷардида андоз ситонда мешавад.

3. **Аз 1 ноябри соли 2022** ба ҷудо кардани қарзҳои ипотекӣ барои аз бозори ибтидоӣ харидани хона дар манзилҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои пудратии сохтмонӣ сохта шудааанд, бидуни шарти супурдан «таҳти калид» (ба ҳуҷраҳо тақсим карда шуда, барои таъмир омода карда шудаанд), инчунин пардохти субсидҳо барои ҷуброни як қисми бадали ибтидоӣ ва як қисми фоизҳои қарзи ипотекӣ **иҷозат дода шавад**.

4. Мӯҳлати эътибори огоҳиномаҳо дар бораи ҷудо кардани субсидҳо, ки дар доираи андозаҳои мақсадноки ҷудо кардани қарзҳои ипотекӣ дар соли 2021 мувофиқи тартиби нав дода шудааанд, **то 31 декабри соли 2022 дароз карда шавад**.

5. Пешниҳоди Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисодӣ ва коҳиши камбизоатӣ **дар бораи ҷудо намудани қарзи буҷетӣ ба ҶС «Ширкат оид ба азнавмаблағгузории ипотекаи Ӯзбекистон»** (минбаъд – Ширкат) **то 300 миллиард сӯм** аз ҳисоби маблағҳои қалбшудаи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати дастгирии буҷаи давлатӣ ба мӯҳлати се сол бинобар ставкаи 12 фоиз бо шарти пардохтани пардохтҳои фоизӣ дар ҳар шаш моҳ барои азнавмаблағгузории вомҳои ипотекӣ, ки ба аҳолӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ҷудо карда шудаанд, маъқул дониста шавад.

Дар ин бобат Ширкат ҷойгир намудани захираҳоро ба бонкҳои тиҷоратӣ бо маржаи на зиёд аз як фоиз таъмин намояд.

6. Раиси Шӯрои Девони Вазирони Ҷумҳурии Қарақалпоқистон ва ҳокимони вилоятҳо **то охири сол** оид ба инҳо чораҳо андешанд:

ташкил кардани марказҳои ипотекӣ дар марказҳои вилоятӣ дар асоси таҷрибаи шаҳри Тошканд ба мақсади фароҳам овардани қулайиҳои иловагӣ ба шаҳрвандон дар ҷараёни хариди манзил ва расмигардонии қарзҳои ипотекӣ;

дар марказҳои ипотекӣ ҷойгир намудани идораҳои фурӯши ташкилотҳои сохтмониву пудратӣ (девелоперҳо), ки дар минтақа бо сохтмони манзил машғуланд, ғӯшаҳо ва кассаҳои бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин идораҳои хусусии нотариалӣ.

7. Девони Вазирон **дар мӯҳлати як ҳафта** қарор қубул намояд, ки рақамигардонии ҷараёни ҷудо кардани субсидро ба аҳолӣ ҷиҳати хариди манзил ё сохтмон ва таҷдиди манзили инфиродӣ, инчунин содда гардондани тартиби ҷудо кардани қарзҳои ипотекиро пешбинӣ менамояд.

8. Вазорати молия ва Вазорати рушди иқтисодӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор **дар мӯҳлати ду моҳ** ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намоянд.

9. Ба зиммаи вазири молия Т. А. Ишметов ва муовини аввали вазири рушди иқтисодӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ И. И. Норқулов барои ташкили самарбахши иҷрои қарори мазкур масъулияти шахсӣ гузошта шавад.

Ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти идораҳое, ки барои иҷрои қарори мазкур масъул мебошанд, ба зиммаи муовини Сарвазир Ҷ. А. Қӯҷқоров гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
22 сентябри соли 2022.

Иҷро ва назорати супоришҳои Президент

САЛОҲИЯТИ САЙЁҲИИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНИИ КИШВАРАМОН МЕАФЗОЯД

Шумораи сайёҳони хориҷӣ, ки ба кишварамон омадаанд, то моҳи сентябри соли ҷорӣ нисбат ба соли 2021 се баробар афзоиш ёфтааст. Аз аввали сол ҳаҷми содироти сайёҳӣ 926 миллион доллар ташкил дод. Сафари меҳмонон ба ҳисоби миёна 4-5 рӯзро ташкил дода, хароҷот то 305 доллар зиёд шуд. Шумораи сайёҳони дохилӣ нисбат ба соли гузашта 3,5 баробар афзуда, ба 7,5 миллион нафар расид.

Ин маълумот дирӯз дар ҷамъомади видеоселекторӣ бахшида ба чораҳои баланд бардоштани иқтидори сайёҳии дохилӣ ва хориҷии кишвар, ки таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев баргузор, шуд, қайд гардид. Дар он рушди ин соҳа дар кишвари мо мавриди таҳлил қарор гирифта, ба он таваҷҷуҳ дода шуд, ки имконоти дар минтақаҳо мавҷуд то чӣ андоза истифода мешаванд.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, аз аввали сол ба Самарқанд 2 миллиону 300 нафар сайёҳони маҳаллӣ омадаанд, ки дар байни вилоятҳои ҷумҳуриамон аз ҳама зиёд мебошад. Инчунин, шумораи сайёҳони хориҷӣ нисбат ба соли гузашта 3,5 баробар афзуда, ба 553 ҳазор нафар расидааст. Аз ҷумла, аз Русия 213 ҳазор, аз Тоҷикистон 125 ҳазор, аз Қазоқистон 72 ҳазор ва аз Туркия 17 ҳазор сайёҳон барои баҳрабардорӣ аз зебоиҳои Самарқанд омадаанд.

– Имрӯз дар вилояти мо 488 воситаҳои ҷойгиркунии дорои 13 ҳазору 562 ҷой, аз ҷумла 151 меҳмонхона, 293 хонаҳои меҳмонӣ мавҷуд аст, – мегӯяд муовини ҳокими вилояти Самарқанд, сардори раёсати сайёҳӣ ва меъроси фарҳангӣ Рустам Қобилов. – Аз аввали соли ҷорӣ 32 адад, танҳо дар моҳи сентябр 13 меҳмонхонаи дорои 2 ҳазору 899 ҷой ба истифода супурда шуд. То охири сол боз 7 меҳмонхонаи дорои 840 ҷой ба истифода дода мешавад. Шумораи фирмаҳои сайёҳии мо ба 192 адад расид. Онҳо 144 автобуси сайёҳӣ ва 136 микроавтобус доранд, ки метавонанд ба сайёҳон хидмати замонавӣ расонанд.

Сайёҳоне, ки ба Самарқанд меоянд, мехоҳанд, ки дар баробари шинос шудан бо обидаҳои таъриҳии якчандасра, меъроси ғании миллии халқамон, анъана ва арзишҳои он, аз табиати нотакрор ва таомҳои ба худ хоси кишварамон баҳраманд гарданд. Аз ин рӯ, дар солҳои минбаъда бо мақсади фароҳам овардани чунин имкониятҳо барои сайёҳон дар вилоят деҳаҳои сайёҳӣ ташкил карда шуданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Дар доираи сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Ӯзбекистон байни Агентии ҳифз ва карантини растаниҳо ва Саридораи гумруки Чин протоколҳо оид ба талаботи фитосанитарӣ барои содироти лӯбиё ва харбузаи хушк аз кишвари мо ба имзо расид.

ЛӮБИЁ ВА ХАРБУЗАИ ХУШКИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР БОЗОРИ ЧИН

Протоколҳои имзошуда барои соҳибкорони мо ҷиҳати афзун гардондани содирот ба Чин, барои истеҳсолкунандагон ва фермерон афзоиши даромад имконият фароҳам меорад.

Содиркунандагони ӯзбекистонӣ бояд тамоми кори аз дасташон меомадаро анҷом диҳанд, то аз бозори Чин бештар истифода баранд.

Дар баробари ин махсулоте, ки аз Ӯзбекистон ба Чин содир мешавад, бояд ба меъёрҳои санитарию гигиенӣ, қоидаҳои фитосанитарӣ ва талаботи дар Протоколҳо пешбинишуда ҷавобгӯ бошанд.

Барои ба роҳ мондани содироти маҳсулоти ҳуд ба бозори Чин, истеҳсолкунандагони ӯзбекистонӣ метавонанд ба Агентии ҳифз ва карантини растаниҳо муроҷиат кунанд, ки мувофиқи протоколҳои қабулшуда, тибқи талаботи Ҷумҳурии Мардумии Чин рӯйхати интиқолдиҳандагонро тартиб медиҳад.

Қаблан барои содироти 17 навъи маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла гелос, мош, харбузаи тару тоза, кунҷит ва дигар навъҳо аз Ӯзбекистон ба Чин иҷозатнома гирифта шуда буд.

АИ «Дунё»,

ПЕКИН.

Мушоҳида

ПИРӮЗИИ БУЗУРГИ ДИПЛОМАТИИ МАМЛАКАТИ МО

Пӯшида нест, ки тайи солҳои охир Созмони ҳамкории Шанхай ба як созмони бонуфузи байналмилалӣ табдил ёфтааст, ки дар ҳалли муҳимтарин мушкилоти ҷаҳони зудтағйирёбандаи замонавӣ, таъмини амният ва рушди устувор саҳми бузург мегузорад. Ин созмон солҳои 1996-1997 бо номи «Панҷгонаи Шанхай» таъсис шуда буд ва дар соли 2001 вақте ки Ӯзбекистон ба он дохил шуд, номи Созмони ҳамкории Шанхайро гирифт.

Мақсади асосии ташкилот мустаҳкам намудани боварии тарафайн, дӯстӣ ва некҳамсоягӣ, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, илмиву техникӣ, маданӣ, энергетикӣ, нақлиёт, сайёҳӣ ва муҳофизати муҳиту атроф мебошад.

Агар СҲШ-ро бо дигар созмонҳои байналмилалии минтақавӣ ва трансминтақавӣ муқоиса кунем, шоҳиди он мешавем, ки он чӣ қадар неру, салоҳият ва имконият дорад. Ду кишвари узви СҲШ, яъне Русия ва Чин, аъзои доимии Шӯрои бехатарии Созмони Милали Муттаҳид мебошад. Қариб нисфи аҳолии ҷаҳон дар макони СҲШ истиқомат мекунад. Масоҳати умумии кишварҳои узви он 60 фоизи Авруосиёро ишғол мекунад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ин кишварҳо тақрибан 24 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Дар доираи Созмон Ӯзбекистон 4 маротиба роҳбарӣ намуд. Пеш аз ин мамлакатамон солҳои 2004, 2010 ва 2016 роҳбарӣ карда буд.

Дастгирии раванди нав дар Осиёи Марказӣ аз тарафи СҲШ, ҳам барои минтақа ва ҳам барои ба макони ҳамкории самарабахш, рушди устувор ва мутақобилан судманд табдил додани минтақаҳои фарогири ин сохтор аҳамияти муҳим дорад.

Аз ҷумла, СҲШ дар сиёсати хориҷии Ӯзбекистон мақоми хоса дорад. Кишварҳои узви он ҳамсояҳои наздик ва шарикони стратегии Ӯзбекистон мебошанд. Ҳамкории тарафайн дар доираи сохтор ба таҳкими ҳам муносибатҳои бисёрҷонибаи минтақавӣ ва ҳам байниминтақавӣ, рушди муносибатҳо бо ҳар яке аз кишварҳо хидмат мекунад.

Маълум аст, ки таъмини амнияти минтақавӣ яке аз вазифаҳои асосии созмон оид ба мубориза бо терроризм, экстремизм, савдои ғайриқонунии моддаҳои гиёҳванд мебошад. Аз ин рӯ, Ӯзбекистон ҳамчун узви баробарҳуқуқи ин созмони бонуфуз ба таҳкими муносибатҳо бо он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад. Тавре ки Президентамон дар Муроҷиатномаи ҳуд ба Олий Маҷлис дар моҳи январи соли 2020 махсусан қайд карда буд, рушди муносибатҳо бо Созмони ҳамкории Шанхай самти муҳими сиёсати хориҷии Ӯзбекистон шуда мемонад.

Фаъолияти Ӯзбекистонро дар чаҳорчӯби СҲШ дар солҳои охир бо тамоюлҳои ташаббускорӣ ва прагматизм, ки афзалият пайдо мекунад, ифода кардан мумкин аст. Пешниҳод ва ташаббусҳо оид ба густариш ва ҳамкориҳои бисёрҷониба, ки ба манфиатҳои миллии мо дар чаҳорчӯби СҲШ ҷавоб медиҳад, ба афзалиятҳои таҳкими ҳамкорӣ ва субот дар минтақа комилан мувофиқанд.

Дар давраи гузашта Ӯзбекистон дар доираи СҲШ 54 ташаббусро пешниҳод кардааст. Ин нишондодҳо хеле ҷиддӣ ва калон аст. Муҳимтар аз ҳама, Ӯзбекистон ташаббусҳои худро дар дохили Созмон на танҳо эълон мекунад, балки тавассути чораҳои амалӣ фаъолона ба ҳаёт татбиқ менамояд.

Бо афзоиши нуфузи СҲШ дар арсаи байналхалқӣ таваҷҷуҳи кишварҳои дигари минтақа низ барои ширкат дар фаъолияти ин созмон зиёд мешавад. Ҳамин тариқ, ҳоло 8 кишвар узви доимии СҲШ, 4 давлат (Беларус, Афғонистон, Эрон, Муғулистон) мақоми нозирӣ доранд ва 6 мамлакат (Туркия, Озарбойҷон, Непал, Комбоҷа, Арманистон) шарики дипломатӣ мебошанд. Ғайр аз ин, бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба аъзогии ин ташкилот майлу хоҳиш доранд.

Дар навбати ҳуд дар бораи ҳамоиши Самарқанд, ки аз ҷониби ин сохтор таҳти роҳбарии Ӯзбекистон баргузор шуд, суҳбат кунем.

Дар ин ҳамоиш сарони наздик 15 давлат ва роҳбарони беш аз 10 созмони байналхалқӣ ширкат доштанд. Аз ҳама муҳимаш, дар ҳамоиши Самарқанд қариб 30 ҳуҷҷати байналхалқӣ қабул гардид, ки натиҷаи мантиқии беш аз 80 чорабинии аз ҷониби кишварамон дар доираи раёсати Ӯзбекистон дар СҲШ пешбаригардида мебошад.

(Давомаш дар саҳ.2).

ҶАҲОН МУҲИМ БУДАНИ ҲАМОИШИ САМАРҚАНДИИ СҲШ ВА ТАШАББУСҲОЕРО, КИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ПЕШ ГУЗОШТААСТ, ТОРАФТ БЕШТАР ДАРК МЕНАМОЯД

Ҳамоиши СҲШ дар Самарқанд ва мулоқотҳои дуҷонибаи дар доираи он баргузоргардида дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалии таҳлилӣ қарор дорад.

Узви Кумитаи оид ба корҳои хоричӣ ва ҳайати равобит бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Муғулистони Парлумони Аврупо Террӣ МАРИАНӢ:

– Мехостам ташкилкунандагон ва иштирокчиёни ҷамъомади 22-юми Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхайро барои ташкили ин чорабинии муҳим дар вазъияти муташанниҷи байналмилалӣ табрику таҳнИят мегӯям.

Муносибати бисёрҷониба масъалаи муҳими таҳавуллоти ҷаҳони бисёрқутбии мост. Он метавонад танҳо ба туфайли иродаи озоди халқҳои бузург кор кунад, то ки тензими байналмилалии масъалаҳоро дар асоси адолат ва дониши ҳамдигар таъмин намояд. Зеро, тамоми ҷаҳон муҳим будани ташаббусҳои ба ин монандро, ки онҳоро Президент Шавкат Мирзиёев «Рӯҳи Самарқанд» меномад, дарк менамояд.

Муовини директори Маркази тадқиқоти Русия дар Донишгоҳи халқии Чин, профессор Ван СИЯНҶУ:

– Ба назари ман сафари давлатии Раиси ҶМЧ Си Сзинпин ба Ўзбекистон пурсамар буд.

Ин асосан дар се ҷиҳат инъикос меёбад:

Якум, Ўзбекистон роҳбари Чинро аз маросими истиқбол дар аэропорти Самарқанд сар карда, бо суруду рақсҳо, то супурдани мукофоти олии давлатӣ – ордени «Олий даражали дўстлик» ба Раиси ҶМЧ Си Сзинпин самимона ва дўстона истиқбол намуд, ки ин пурра ҳисси дўстии халқи Ўзбекистонро ба Чин инъикос намуд, ҳамдигарфаҳмӣ ва дўстии байни ду халқро мустаҳкам кард.

Дуюм, ин сафари ниҳоят амалиест, ки ба рушди минбаъдаи муносибатҳои байни Чин ва Ўзбекистон мусоидат мекунад. Аз музокироти байни Раис Си Сзинпин ва Президент Шавкат Мирзиёев сар карда ва то имзои як қатор ҳуҷҷатҳо дар бораи ҳамкорӣ байни ду ҷониб анҷом дода, дар рушди муносибатҳои Ўзбекистону Чин як қатор лоиҳаҳои нав пайдо шуд.

Сеюм, ташриф инчунин сарвари қавии Президент Шавкат Мирзиёевро инъикос намуд. Суханронии Президенти Ўзбекистон ҳангоми мулоқот бо Си Сзинпин ва дар рафти ҳамоиши давлатҳои аъзои СҲШ ба тамоми ҷаҳон тавоноии барҷастаи ўро намоиш дод. Ў натанҳо дар рушди муносибатҳои Чину Ўзбекистон, балки дар муваффақияти ин нишасти СҲШ саҳми бузург гузошт.

Боварӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев Ўзбекистон дар оянда дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба пешравиҳои бештар ноил гардида, дар ҳамгироии минтақаи Осиёи Марказӣ, дар рушди СҲШ ва дар корҳои байналмилалӣ нақши бештар хоҳад дошт.

Асосгузори Донишкадаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, профессор Фредерик Старр:



– Барои самаранок истифода бурдан аз имкониятҳои худ Ўзбекистон дар солҳои охир ба муносибатҳо бо давлатҳои ҳамсоя таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Кишвар давраи мураккаби муносибатҳои минтақавиро аз сар гузаронд. Дар давраи президентии Шавкат Мирзиёев дарҳои кишвар васеъ кушода шуд ва Ўзбекистон бо ҷаҳони беруна робитаҳои васеъ ва наздик барқарор кард, ки то ҳол дида нашуда буд. Ин як қисми хеле муҳими сиёсати Ўзбекистон дар мавриди кушодани имкониятҳои нав аст ва он хеле самаранок мебошад.

Бо табрикоти самимӣ ба Президент ва халқи Ўзбекистон қадамҳои навро интизорам, ки ба таъсиси сохторҳои нави муассир дар минтақа ҷиҳати таъмин ва рушди ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронда шудаанд.

Роҳбари Маркази омӯзиши Авруосиё, сарвари Асотсиатсияи рушди муносибатҳои байни Испания ва Ўзбекистон Фернандо МОРАГОН:

– Ин ҳам дар минтақа ва ҳам дар ҷаҳон рӯйдоди таърихӣ мебошад. Дарҷаи аҳамияти сиёсии ҳамоиши Самарқанд, бешубҳа, аз он вобаста аст, ки ин рӯйдоди ҷаҳонӣ дар шароити душвори рӯ ба афзоиш ёфтани зиддиятҳои геосиёсӣ дар ҷаҳон сурат мегирад.

Дар нишасти сарони СҲШ, ки дар Самарқанд баргузор шуд, беш аз 40 ҳуҷҷат, аз ҷумла санадҳои молики хусусияти консептуалӣ ва стратегӣ ба имзо расид, ки дар таърихи созмон бесобиқа аст ва имрӯз аҳамият дорад.

Мехостам консепсияҳои ҳамкории кишварҳои узви СҲШ-ро оид ба рушди робитаҳои мутақобила ва офаридани долонҳои самараноки нақлиётӣ, дар соҳаи кишоварзӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои саноатӣ, рушди саводнокии рақамӣ, инчунин нақшаи чорабиниҳои амалиёти якҷоя оид ба рушди савдои дохилиминтақавӣ қайд намоям.

Ташаббуси Ўзбекистон дар мавриди даъвати теъдоди зиёди давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба ҳайси меҳмон ва нозир азми роҳбарияти кишварро барои ташкил кардани платформаи муассир барои муколамаи бисёрҷониба бо мақсади рафъи бўҳрони афзояндаи эътимод, баргардондани муносибатҳои байналмилалӣ ба самти инкишофи конструктивӣ ба манфиати амнияти умумӣ, субот ва тараққиёти устувор нишон медиҳад.

Доктори илмҳои сиёсӣ, коршиноси эронӣ оид ба кишварҳои Ховари Миёна ва Қафқоз Ҳусейн Воҳид КИЁ:

– Ҳамоиши СҲШ дар Самарқандро метавон яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои солҳои охир дар заминаи ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ арзёбӣ кард.

Эҳёи «рӯҳи шаркӣ» ин да-фъа аз Самарқанди афсонавӣ ва ҷовидона дар саросари ҷаҳон паҳн мешавад.

Иштироки сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхайро, ки ба он Президенти Ўзбекистон роҳбарӣ мекунад, метавон нуқтаи гардиш дар рушди таърихии ин созмон арзёбӣ кард, ки аз нақши тағйирнопазири он дар таъмини сулҳу субот ва амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад. Дар оянда бошад, ин созмон нақши муҳими худро дар таъмини рушди устувори кишварҳои ширкаткунанда тасдиқ мекунад.

Ин созмон тавонист дар муддати кўтоҳ худро ҳамчун сохтори бонуфуз дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кунад, ки бо миқёс ва таркиби худ фарқ мекунад. Ҳамчунин, аксари кишварҳои узви ин созмон, ки суботи сиёсӣ ва идоравӣ доранд, тавонистанд дар байни худ ба эътимоди мутақобила сазовор шаванд, ки ин бояд яке аз хусусиятҳои хоси СҲШ арзёбӣ шавад.

Нишасти Самарқандро метавон нуқтаи гардиш дар равобити Ўзбекистон ва Эрон арзёбӣ кард.

Бо итминон метавон гуфт, ки сафари Президенти Эрон Иброҳим Раисӣ ба Самарқанд ва музокироти ў бо Президент Шавкат Мирзиёев дар таҳкими минбаъдаи равобити ду кишвар гардиш ба вуҷуд овард.

Имзои 18 ҳуҷҷати ҳамкориҳои дуҷониба дар ин сафар нишонаи ҳақиқӣ ва решаҳои амиқи равобити ду кишварро нишон медиҳад. Энергетика, транзити мол, сайёҳӣ ва рушди ҳамкории илмию техникӣ, тандурустӣ ва кишоварзӣ ба самтҳои хубу ояндадори ҳамкориҳо табдил ёфта, ба рушди минбаъдаи устувор ва шукуфоии ду кишвар хидмат мекунанд.

Умуман, рўҳияи афсонавии Самарқанд, таърихи ғанӣ ва роҳи мутамаддини Ўзбекистону Эрон, инчунин узвияти ду давлат дар Созмони ҳамкории Шанхай барои таҳкими минбаъдаи муносибатҳо ва эътимоди мутақобила заминаи муносиб фароҳам овард.

АИ «Дунё».

ДАР АЛМААТО ВАКОЛАТХОНАИ БИРЖАИ МОЛУ АШЁИ ХОМИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН КУШОДА ШУД

Дар маркази бизнеси «Кен Дала»-и шаҳри Алмаато маросими ифтитоҳи ваколатхонаи биржаи молу ашёи хоми Ўзбекистон дар Қазоқистон баргузор гардид.

Дар чорабинӣ ҳайати Ўзбекистон таҳти роҳбарии раиси биржаи молу ашёи хом Зиёвиддин Бадриддинов, намояндагони доираи соҳибкорони Қазоқистон, кормандони консулгарии мамлакатамон дар ин шаҳр ширкат варзиданд.

Раиси Биржаи молу ашёи хоми Ўзбекистон ба иштироккунандагон оид ба корҳои вусъат додани ҳаҷми савдо дар биржаи мол, таҳкими робитаҳо бо шарикони хоричӣ, биржаҳои пешрафтаи ҷаҳон, ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ва сохторҳо, инчунин васеъ намудани шабакаи майдончаҳои савдои беруна ва биржа маълумот дод.

«Ифтитоҳи ваколатхонаи Биржаи молу ашёи хоми Ўзбекистон дар шаҳри Алмаато ба мусоидат намудани дастрасии мутақобилаи соҳибкорон ва истеҳсолкунандагони мол ба бозорҳои ду кишвари бародар, бо истифода аз имкониятҳои механизми савдои биржа нигаронида шудааст», – гуфт ў.

Директори иҷрокунандаи ширкати «Cargill» Юрий Иоффе бо ифтитоҳи намояндагии биржаи молу ашёи хоми Ўзбекистон дар Алмаато, ки маркази молиявию иқтисодии Қазоқистон ба шумор мераванд, истиқбол кард.

Вай изҳор намуд, ки тамоюлҳои ошкорбаёнӣ ва фароҳам овардани шароити рақобати баробар барои мизоҷон, ба афзоиши минбаъдаи тиҷорати мутақобила мусоидат намуда, ба тоҷирони ду кишвар имкон медиҳад, ки дар тиҷорат ширкат варзанд.

Дар рафти вохўрӣ ҷонибҳо масъалаҳои ҳамкории амалӣ, аз ҷумла табодули таҷриба барои ташкили савдои биржа дар платформаҳои электронӣ, масъалаҳои ёрӣ ба ташаккул ва такмил додани шаклу усулҳо ва технологияҳоро баррасӣ карданд.

АИ «Дунё»,
АЛМА-АТО.

КОРРУПСИЯ ЭЪТИМОДИ МАРДУМРО АЗ БАЙН МЕБАРАД

Дар шаҳри Тошканд Форуми II зиддикоррупсия баргузор гардид. Директори Агентии мубориза бар зидди коррупсия Акмал Бурҳонов гуфт, ки мубориза бо коррупсия – чунин иллати ногувор дар ҷумҳуриамон ба сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Вай аз меҳмонону иштирокчиёни форум даъват намуд, ки қабл аз баррасии масъалаҳои мадди назар ба тамошои як навор таваҷҷуҳи худро нигаронанд.

Ин наворе буд, ки натиҷаҳои мубориза бо коррупсия дар саросари ҷумҳурии моро дар меҳвари худ қарор додааст. Ба таври мисол, дар он ҷорӣ намудани вакситаи ҳалолӣ, ташкил намудани қабулхонаҳои президентӣ, таъсиси Шӯрои миллӣ, қабули 80 санади меъёриву ҳуқуқӣ дар бораи мубориза бо коррупсия, бехбуди фазои соҳибкорӣ ва бартараф намудани монеаҳои сунъӣ, аз қабили бюрократизм, роҳҳои ҷилавгирӣ аз бемақсад харҷ намудани маблағи ҷудошуда ва амсоли он бо санад ва мисолҳои возеҳу равшан акси худро ёфта буд.

– Бори нахуст ба ҳайси директори Агентии мубориза бо коррупсия дар назди депутатҳои Олий Маҷлис гузориш додам. Зимнан пешниҳод намудам, ки барои боз ҳам тавсеа бахшидани мубориза беамон бо коррупсия ва ба даст овардани натиҷаҳои пурсамар тамоми қишрҳои ҷомеаи мо бояд саҳм гузоранд. Шӯроҳои ҷамоатӣ низ метавонанд дар ин самт нақши муассир бозанд, – изҳор намуд Бурҳонов.

Раиси Сенати Олий Маҷлис, ҳамзамон раиси Шӯрои миллии мубориза бо коррупсия Танзила Норбоева зимни суханронӣ ибрози намуд, ки мубориза бо ин иллати ногувор дар Ўзбекистон авлавияти вазифаҳоро ташкил мекунад.

– Масъалаҳое, ки дар ин форум мо таҳти баррасӣ қарор медиҳем, натанҳо барои Ўзбекистон, балки мамолики зиёди дунёи муҳим мебошанд. Ин форум ба шакли анъанавӣ минбаъд ҳар сол баргузор мегардад. Мақсади асосии он дар Ўзбекистон ва мамлакатҳои дигар сарҳисобу натиҷагирӣ аз корҳое мебошанд, ки дар соҳаи зиддикоррупсия анҷом пазируфтаанд, – изҳор намуд Танзила Норбоева. – Ўзбекистон иҷрои принсипҳоеро бар дўш гирифтааст, ки мубориза бо коррупсия натиҷаҳои самарабахши худро ба бор оварад. Ин мубориза ҳамеша дар доираи қонун сурат гирад ва шаффофияти он куллан таъмин гардад. Шумо медонед, ки Агентии мубориза бо коррупсия як ниҳоди навтаъсис дар кишвари мо мебошад, ки ба истилоҳи мардум, оҳиста мисли кўдак роҳгардиро меомӯзад. Аммо аз оғоз қадамҳои устуворона ба пеш мегузорад.

Яке аз самтҳои дигар, ки мо бояд ба он ноил шавем, боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии мардум мебошад. То замоне, ки худи мардум барои решакан кардани ин иллат саропо намехезад, даст ба кор намезанад, мушкил аст, ки он натиҷаҳои дилхоҳ диҳад. Мамлакати мо дар рейтинги байналхалқӣ миёни 180 кишвар ҷойи 143-юмро ишғол мекунад. Албатта, ин нишондиҳанда низ ҳаргиз қаноатбахш нест.

Ҳамоҳангсози дафтари минтақавии СММ дар Ўзбекистон Роли Астхана, намояндаи Барномаи рушди СММ Матилда Диновска, намояндаи СММ оид ба мубориза бо маводи мухаддир ва чиноятқорӣ Ашита Миттал ба он нукта таваҷҷўҳи иштирокчиёни форумро ҷалб намуданд, ки тамоми кишварҳои дунё дар раванди мубориза бо коррупсия ширкат мекунанд. Дар ин раванд созмонҳои байналхалқӣ ҳамеша ба кумак мешитобанд ва ин ё он кишвар барои пиёда кардани ҳадафҳои худ ба дастовардҳои муҳим ноил мешавад.

Гуфта шуд, ки Дабири кулли СММ Антониу Гутерриш ҳамеша тарафдори муборизаи беамон бо коррупсия мебошад. Роли Астхана аз суханони Гутерриш ёдовар шуд, ки коррупсия эътимоди мардумро аз байн мебарад, дарачаи некўаҳволиро коҳиш медиҳад, чиноятқориро авҷ мегиронад, нобасомониҳоро вусъат мебахшад. Коррупсияи давраи бўҳрони иқтисодӣ ба ҳаёту мамоти мардум баробар аст.

– Тафаккури ҷомеа бояд тағйир ёбад, дидгоҳҳо дигаргун шаванд. Дар акси ҳол натиҷаҳои мубориза алайҳи коррупсия низ чандон дилхоҳ нахоҳанд шуд, – гуфт Ашита Миттал.

Форум дар се иҷлосия идома кард.

Форуми II зиддикоррупсияи Тошканд баъди тавсияву пешниҳодҳо ба кори худ хотима бахшид.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири "Овози тоҷик".

САЛОҲИЯТИ САЙЁҲИИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНИИ КИШВАРАМОН МЕАФЗОЯД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ҷумла, дар ноҳияи Самарқанд маҳаллаи Конигил, дар Ургут Терсак, дар Нуробод Оқсой, дар Пайариқ Чоштеппа, дар Қаттақўрғон Андоқсой ба деҳаҳои сайёҳӣ табдил дода шуданд. Дар шаҳри Самарқанд кўчаи Орзу Маҳмудов мақоми кўчаи гастрономӣ, кўчаи Ислом Каримов ба кўчаи савдои савғотиҳо ва шоппинг, кўчаи Алишер Навоӣ мақоми кўчаи фарҳангу осорхонаро гирифт. Шумораи музейҳо дар вилоят ба 13 адад расид.

Дар арафаи нишасти сарони СҲШ дар Самарқанд «Осорхонаи дўстии халқҳо» ва «Осорхонаи Роҳи абрешим» ба кор шурўъ карданд. Корҳо оид ба ташкил кардани боз се осорхона идома доранд.

Бо ташаббуси роҳбари давлатамон дар Самарқанд барпо карда шудани Маркази байналмилалии сайёҳӣ салоҳияти сайёҳии вилоятро якчанд баробар афзун гардонд. Ҳафтаи гузашта дар ин ҷо нишасти навбатии Созмони ҳамкории Шанхай дар савияи баланд гузашт. Ин маркази серсоҳа 8 меҳмонхонаи замонавӣ, маркази конгресс, маҷмӯи «Шаҳри абадӣ», амфитеатр ва бисёр иншооти дигарро дар бар мегирад. Марказ метавонад соле ба 2 миллион сайёҳ хидмат расонад. Аз ин марказ то шаҳраки Конигил ва аз он ҷо то Регистон дар масофаи 8,4 километр хатсайри нави сайёҳӣ пайдо шуд. Дар ин самт 7 объекти мероси таърихию фарҳангӣ, 205 мағоза, 36 нуктаи хўроки умумӣ ва хидматрасонӣ фаъолият доранд.

– Дирўз сарвари давлатамон оид ба ҷалби сайёҳон ба ин мачмўъ, ки ба дарвозаи нави сайёҳии кишвар ва «коғази ташриф»-и Ўзбекистони Нав табдил ёфтааст ва дар ҳамкорӣ бо саҳоратхонаҳо ва ширкатҳои хоричӣ тарғиб кардани бренди «Самарқанд – дарвозаи сайёҳии Ўзбекистони Нав» дастуру супоришҳо дод, – гуфта суханашро давом дод Р. Қобилов. – Инчунин, вазифаи самарабахш истифода бурдан аз аэропорти байналхалқии навшудаи Самарқанд, афзун гардондани парвозҳои байналхалқӣ гузошта шуд. Дар айни ҳол ба воситаи ин фурудгоҳ 15 парвоз ба Маскав, 6 парвоз ба Истанбул, 5 парвоз ба Краснодар, 4 парвоз ба Сочӣ ва Алмаато, 2 парвоз ба Дубай ва дигар парвозҳо анҷом дода мешаванд. Интизор меравад, ки дар ин рўзҳо парвоз ба Дубай боз афзоиш ёфта, парвозҳо ба Боку низ оғоз шаванд.

Президент таъкид намуд, ки бо ширкатҳои ҳавопаймоии хоричӣ ба мувофиқа расида, зарурати роҳандозии ҳадди аққал 10 парвози байналмилалӣ аз Аврупо, Осиё, Амрико, кишварҳои Араб ва кишварҳои ҳамсоя ба роҳ монда шавад. Инчунин, аз вилоятҳои водӣ, шаҳрҳои Нукус, Урганҷ ва Тирмиз ҳар рўз камаш 1 маротиба парвоз ба амал бароварда шавад. Дар асоси ин ва дигар вазифаҳо қарор шуд, ки маъракаи таблиғоти «Самарқанд – дарвозаи сайёҳии Ўзбекистони Нав» гузаронда шавад. Дар ин бобат корҳо оғоз ёфтанд.

Дар ҷамъомад ба Девони Вазирон супориш дода шуд, ки барномаи солонаи баргузории вохўриву конфронси байналмилалӣ дар Самарқандро тасдиқ кунад. То охири сол дар маркази нави сайёҳӣ баргузории як қатор конфронсу анҷуман ва озмунҳои байналмилалӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, ба муносибати 27 сентябр – Рўзи байналмилалии сайёҳӣ форум, 8-9 октябр Ҷоми Осиё оид ба триатлон ва ҷашнвораи байналмилалии гастрономия, 24-27 октябр ҳафтаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии Ўзбекистон, форуми иқтисодӣ ва мулоқоти навбатии сарони кишварҳои туркизабон дар моҳи ноябр, ниммарафони Самарқанд ба назар гирифта шудааст.

Ғолиб ҲАСАНОВ,
мухбири ЎзА.
Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).

ХАБАРҲО

ХОБГОҲ ДАР ИХТИЁРИ ДОНИШҶЎЁН

Зимни анҷумани матбуотӣ, ки дар Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус гузаронд, таъкид ёфт ҳоло таъмини донишҷўён бо хобгоҳ яке аз масъалаҳои доғ аст.

Барои то андозае ҳал намудани ин мушкилот ҳокимияти шаҳри Тошканд ташаббус нишон дод. Барои донишҷўдухтарон аз хобгоҳи маҷмӯи "Tashkent indeks" воқеъ дар ноҳияи Янгиҳаёт ҷой ҷудо карда шуд. Наздик ба 1000 нафар дар хобгоҳе,ки молик ба ҳар гуна қулаиҳост, ҷойгир шуданд. Дар ин ҷо барои зиндагии муътадили донишҷўён инфрасохтори зарурӣ офарида шудааст. Назар ба хабари хидмати матбуоти ҶС "Тошшаҳартрансхизмат" аз 19 сентябр дар се хат равуои автобусҳо байни хобгоҳ ва истгоҳи аввали метрои Сергели ба роҳ гузошта шуданд. Аз донишҷўён роҳкиро гирифта намешавад.

БО КЎМАКИ УСКУНАҲОИ ТИББИ ЗАМОНАВӢ

Барои аниқ гузоштани ташхис, муолиҷаи беморӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳо истифодаи самарабахш аз воситаҳои тиббии замонавӣ нақши муҳим дорад.

Аз ҷумла, дар поликлиникаи оилавии рақами 15-ум воқеъ дар ноҳияи Олмазори пойтахт таҷҳизоти асрии муолиҷавӣ мавриди истифода буда, маскани тиббии мазкур ба наздик 43 ҳазор нафар аҳолӣ хидмати хушсифати тиббӣ мерасонад. Ускунаҳои физиотерапевтӣ имкон медиҳанд бештар аз 30 навъ беморихо аниқ гардонида шаванд. 5 дастгоҳи замонавии "аҚлнок", ки ибтидои соли равон ба ин ҷо оварда шуд, яккбора 7 вазифаро иҷро мекунанд. Аз 1 апрел муолиҷаи рўзона дар поликлиника ба роҳ гузошта шуд.

МӮЙСАФЕДОН ҲАМОН ТАРБИЯТГАР

Давраи шаҳрии озмуни "Як мўйсафед ба 10 нафар ҷавон масъул" дар театри ба номи Муқимӣ баргузор ва дар он аз 12 ноҳияи пойтахт бештар аз 400 нафар солхўрдагон,ки ба фароғати пиронсолӣ фаро гирифта шуда бошанд ҳам бекор нанишаста, таҳти ҳамкорӣ бо ҷамоаҳои шаҳрвандӣ ба тарбияи ҷавонон, хусусан душвортарбияҳо машғуланд, иштирок карданд.

Назар ба маълумотҳо, 5701 нафар ин гуна ҷавонон бо мадади мўйсафедон роҳи дурусти зиндагӣ дарёфтанд. Ғолибон тақдиронда шуданд. Дар охир спектакли "Дунёе, ки бозмегардад" намоиш дода шуд.

Давраи ҷумҳуриявии озмун моҳи октябр баргузор мегардад.

ЁДБУДИ АБДУЛЛО ҚОДИРӢ

Дар маркази "Маънавият ва маърифат"-и Академияи Вазорати вазъиятҳои фавкулодда ёдбуди нависандаи маъруф Абдулло Қодирӣ баргузор гардид.

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ибратбахши нависанда баромадҳо доир гашт. Чӣ қадар вазнин гузаштани солҳои охири ҳаёти ў алоҳида таъкид шуд. Адиб соли 1926 ба ҳабси якмоҳа гирифта шуда бошад, соли 1937 дучори табъид ва дар айни камолоти эҷодӣ ба ҳаёт падруд гуфт.

М. ШОДИЕВ,
мухбири "Овози тоҷик".

ПИРЎЗИИ БУЗУРГИ ДИПЛОМАТИИ МАМЛАКАТИ МО

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар байни ин ҳуҷҷатҳо консепсия ва барномаҳои пешбурди тиҷорати минтақавӣ, ҳамкориҳои саноатӣ ва робитаҳои нақлиётӣ низ мавҷуд. Илова бар ин, лоиҳаҳо ва чорабиниҳои муштарак дар иқтисодиёти «сабз», инноватсияҳо, технологияи рақамӣ, логистика, кишоварзӣ, тиббиёт ва дигар соҳаҳо сурат гирифтанд.

Яке аз рўйдоди дигари муҳими ин ҳамоиш аъзо шудани Эрон ба ин созмон аст. Зеро, ин на танҳо нуфузи СҲШ-ро баланд мебардорад, балки мавқеъ ва таъсири онро дар ҷаҳон мустаҳкам мекунад.

Дар доираи ин ҳамоиш байни Президентамон ва роҳбарони тамоми кишварҳои ба мамлакатамон ташрифоварда, мулоқотҳои расмии дуҷониба ташкил карда шуданд. Қобили зикр аст, ки дар ҷараёни ин муколама ҷонибҳо ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои стратегӣ дар соҳаҳои энергетика, рушди содирот, савдо, логистикаи нақлиётӣ, робитаҳои фарҳангӣ, рушди таълим ва сайёҳӣ ба мувофиқа расиданд.

Сарвари давлатамон дар мулоқот бо намояндагони ВАО таъкид кард, ки ин ҳамоиш дар рўҳи эътимод ва эҳтироми якдигар ва дар рўҳияи корӣ сурат гирифта, созишномаҳои ҳосилгардида ба манфиатҳои аъзои СҲШ ва нозир мувофиқанд. Дар ҳақиқат ин натиҷаи чашмдошт аст.

Дар асоси ин метавон гуфт, ки ҳамоиши Самарқанд ҳамчун анҷумани азиме, ки дар он ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани самараноки СҲШ, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва таҳкими амниятҳо созишномаҳои муҳимро ба даст овардааст, дар таърихи сохтор мавқеи устуворро ишғол кардааст.

Хулоса, саммити Самарқандро метавон пирўзии бузурги дипломатии Ўзбекистон номид.

Абдуғанӣ САНГИНОВ,
узви Сенати Олий Маҷлис.

22 сентябр – Рӯзи бузургдошти Рӯдакӣ

ГИРОМИДОШТИ РӮДАКӢ

21-уми сентябри соли равон дар назди муҷассамаи асосгузори адабиёти форс-тоҷик Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, воқеъ дар шоҳроҳи ба номи шоир бахшида ба бузургдошти осори гаронбаҳои ӯ чорабинии адабию фарҳангӣ ва тақдимоти китоби тозанашри «Рубоиёт»-и шоир гузаронида шуд.

Чорабинӣ бо ҳамкории ҳокимияти вилоят, Донишгоҳи давлатии Самарқанд, шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагон, Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷик ва тоҷикзабонони вилоят ва рӯзномаи «Овози Самарқанд» ташкил гардида, намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамоатӣ, шоиру нависандагон, профессор-устодон, дӯстдорони каломи бадеъ ва ҳунарпешагон иштирокдорони ҳамоиш буданд.

Дар чорабинӣ ҷонишини ҳокими вилоят Х.Очилов, устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд С. Саъдиев, доктори фанҳои филологӣ Ҷ. Ҳамроев, сармуҳаррири «Овози Самарқанд» Б.Раҳмонов, эҷодкорон А.Қамарзода, Н.Каримзода, А.Шукуров, раиси маҳаллаи “Истиқбол”-и шаҳр Ў.Ҳоҷиев баромад карданд ва дар бораи рӯзгору осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори устоди сухан, мавқеи Рӯдакӣ дар рушди адабиёти форс-тоҷик, мазмуну мундариҷаи китоби «Рубоиёт»-и шоир, ки чанде пеш таҳти ташаббуси «Овози Самарқанд» рӯи чоп омад ва рубоиёти шоирро дар ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ фаро мегирад, сухан гуфтанд.

– Устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ чун нобиғаи беназири таърих шинохта шудааст, – гуфт С. Саъдиев. – Яке аз хидматҳои ин абармарди адабиёт бо осори бебаҳояш он аст, ки дар таҳкими сулҳу дӯстӣ ва дӯст доштани обу хоки ватан саҳми шоиста гузоштааст. Рӯдакӣ барои тамоми шоирони тоҷику форс мақоми сарвариро дорад, бинобар ин ҳама ҷо аз ӯ ба унвонҳои «Одамушшуаро», «Устоди сухан», «Устоди шоирон», «Устоди Ачам» бо эҳтиром сухан гуфтаанд.

Дар идомаи тадбир доир ба омӯхтани осори шоир дар замони имрӯза, корҳои илмие, ки дар ин самт анҷом дода мешаванд, ташкили маҳфилҳои рӯдакихонӣ ва аҳамияти он дар тарбияи ҷавонон сухан рафт. Зикр гашт, ки ҳоло баҳра бардоштан аз панду ҳикматҳои Рӯдакӣ ва онро дар зиндагӣ мавриди истифода қарор додан аҳамияти бештар пайдо кардааст. Онҳо роҳнамои омӯзиши ҳаёт ва одамият мебошанд, ҷавононро ба омӯхтани илму дониш, биниши тоза, ватандӯстию худшиносӣ, некию фазилат, дӯстию бародарӣ ва накӯкорӣ раҳнамоӣ мекунанд.

– Панду ҳикматҳои Рӯдакӣ, ки дар бораи омӯзиши зиндагӣ ва ҳикматҳои ҳаёт, некӣ ва покахлоқӣ мебошанд, аҳамияти калони таълимӣ дошта, барои тарбия намудани насли наврас ва ҷавонон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, озодандешӣ, ватандӯстӣ, ташаббускорӣ хизмат мекунанд, – гуфт Б. Раҳмонов. – Ин аст, ки шоир обрӯву эътибори ҷаҳонӣ дорад. Соли гузашта дар рӯзи истиқболи Рӯзи бузургдошти Рӯдакӣ нияти гузоштани муҷассамаи шоирро карда будем. Инак, имсол дар ин майдони обод, дар пеши муҷассамаи Одамушшуаро гирдиҳам омадаем. Ин албатта, самараи сиёсати хирадмандонаи Президент мебошад, ки дар мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстонаи байни халқҳо саҳифаи нав боз намуданд.

Баромади санъаткорон ва қироати шеъру ғазалҳо ба чорабинӣ шукӯҳи идона бахшид.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ГИРДИҲАМОЙ ҲИССИ БОВАРИИ ТАРАФАЙНРО БОЗ ҲАМ МУСТАҲКАМ НАМУД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ғайр аз ин, миёни СҲШ ва як қатор созмонҳои байналхалқӣ алоқаҳои расмӣ муқаррар карда шуданд. Инчунин, баҳри рушди иқтисодиёти минтақа оид ба лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани Ӯзбекистон – Қирғизистон – Хитой шартномаи ҳамкории сеҷониба ба имзо расид. Ин созишнома барои мустаҳкам ва ташаккули алоқаҳои нақлиёти Осиёи Марказӣ аҳамияти стратегиро касб менамояд.

Хулоса, қабули беш аз 40 ҳуҷҷате, ки дар рафти ҳамоиши СҲШ ба амал омад, самтҳои нави ҳамкориро дар ҳамаи соҳаҳо муайян намуд. Он мустақиман ба ҳамкорӣ ва ҳамбастагии давлатҳои аъзои СҲШ ба сӯйи ҳадафҳои умумӣ, ҳалли масъалаҳои муҳими стратегӣ, аз қабили нақлиёт, алоқа, энергетика, озуқаворӣ, амнияти экологӣ, трансформатсияи рақамӣ ва иқтисодиёти “сабз” хидмат мекунад.

Бешубҳа, Ӯзбекистон ба макони муассир табдил ёфтааст, ки кишварҳои дорои дидгоҳҳо ва манфиатҳои геосиёсии мухталиф барои ҳалли мушкилоти байнидавлатӣ, байниминтақавӣ ва глобалӣ ҷамъ меоянд. Гуфтан мумкин аст, ки шакли нави муколама дар таҳкими эътимод дар ҳама соҳаҳо, амиқтар кардани ҳамдигарфаҳмии байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, фарҳанг ва тамаддунҳои гуногун, рафъи таҳдидҳо ба сулҳу амният ва ҳифзи ҳуқуқи инсон саҳми муҳим мегузорад.

Таваккал ЧОРИЕВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олӣ Маҷлис.

ҲАМЗАМОНОНИ МО

МЕҲНАТ ҚАДР ЁФТ

Даштҳои бекорхобидаи Мирзочӯлро аз худ намудан, заминҳои корам ба вуҷуд овардан, дар бадали ин қадар солҳо навъҳои нави зироати пахтаву ғалладона офаридан ба осонӣ муяссар нагардидааст. Танҳо агар ҳудуди ноҳияҳои даштии вилояти Ҷиззахро мисол бигирем, тайи солҳои ҳукмфармоии пахта ва қариб ҳамаи майдонҳои киштро забт намудани он, ҳамчунин, дар натиҷаи доруҳои кимёвиро аз ҳад зиёд истифода кардан ҳолати мелиоративии заминҳо вайрон шуд. Ин ҳол ба пастшавии ҳосилнокӣ оварда расонд. Мушкилоти обёрии заминҳои корам ба миён омад. Аз сӯйи дигар вазъи воқеӣ коршиносону фидоиёнеро ба майдон овард, ки онҳо умре барои беҳбуд бахшидан ва пешрафти соҳаи хоҷагии қишлоқ саҳм гирифтанд.

Нозири бахши вилоятии инспексияи давлатии назорати объектҳои хоҷагии оби назди Девони Вазирони Ӯзбекистон Ҷӯра Қараев аз зумраи он мардонест, ки ҳастии худро ба инкишоф додани хоҷагии қишлоқ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои корам равона сохтааст.

Ӯ ҳанӯз соли 1975 Донишкадаи пахтапарварии Андиҷон (ҳоло Донишкадаи хоҷагии қишлоқ ва агротехнология)-ро ба итмом расонида, барои иштирок дар азхудкунии даштҳои Ҷиззах ба ин воҳа роҳ пеш гирифт. Се моҳ дар шӯъбаи мелиоратсия ва ирригатсияи Садорати хоҷагии қишлоқ ҳамчун коромӯз ба кор пардохт. Ва баъде, ки аз озмоиш гузашт, ҳамчун мутахассиси ҷавон ба кор қабул карда шуд.

– Чиҳил сол муқаддам дар як анҷумани бонуфузи кормандони хоҷагии оби ҷумҳуриявӣ дар шаҳри Тошканд ширкат варзида будам, – ба ёд меорад Ҷӯраака.– Роҳбари онвақтаи ҷумҳурӣ Шароф Рашидов ба сухан баромада, фоҷиаи хушкшавии баҳри Аралро мисол оварда, ҳамагонро ба истифодаи оқилона аз об, пок доштани он даъват намуда буд. Ин мулоҳизаҳои пурқимати ӯ паси гӯшам то ҳол садо медиҳанд,– мегӯяд ӯ.

Солҳои 1998–1999 Ҷӯра Қараев дар Садорати хоҷагии қишлоқи вилояти Ҷиззах ҳамчун роҳбари масъул фаъолият мекард. Ҳокими ҳамонвақтаи вилоят Шавкат Мирзиёев баҳри беҳбуд бахшидани ҳолати мелиоративии замин, барқарор кардани шабакаҳои ирригатсионӣ эътибори алоҳида нигаронида буд.

Аз Чин 30 дона экскаватори замонавӣ ва механизмҳои дренажӣ оварданд. Барои анҷом додани корҳо дар ноҳияи Арнасой ба таври иловагӣ аз Қазоқистон боз 20 экскаватор ва булдозер харид карданд. Ба ҳар як хоҷагии заиф барои иҷрои корҳои дренажӣ 60 миллион сӯмӣ ҷудо карда шуд. Дар он вақт ин миқдор маблағ қурби баланд дошт.

Тайи солҳои охир баҳри хушсифат анҷом додани корҳои сохтмони ҳавзаву объектҳои обёрикунӣ эътибор афзун гардидааст. Ба туфайли бунёд ёфтани ин қабил объектҳо ҳазорҳо гектар боғу токзорҳои нав ба вуҷуд оварда мешавад. Ин манзараҳо алалхусус дар ноҳияҳои Зомин, Бахмал, Шароф Рашидов ва Ғаллааралу Фориш бараъло ба чашм мерасанд. Рафти корҳои сохтмони обанбори калони «Караман» дар ноҳияи Зафаробод, ки бо ёрии он дар ояндаи наздик кишту парвариши зироатҳои гуногун ва обшор сохтани қариб 20 ҳазор гектар замини навкорами ҳудуди ноҳияи Фориш дар назар дошта шудааст, таҳти назорати доимӣ мебошад.

Ҷӯра Қараев шогирдони зиёд дорад. Онҳо дар корҳои гуногуни роҳбарикунандаи соҳаи хоҷагии қишлоқ меҳнат мекунанд. Маҳмуд Холбӯтаев ҳокими ҳозираи ноҳияи Шароф Рашидов, Сайфиддин Шералиев собиқ ҳокими ноҳияи Дӯстлик, Бозорбой Раҳимқулов сардори шӯъбаи ирригатсияи ноҳияи Зафаробод ва боз номи даҳҳо тани дигарро ба забон овардан мумкин .

Ҷӯраака инсони хоксору фурӯтан аст. Дар синни нафақа бошад ҳам, то ҳол аз кор дил накандааст ва таҷрибаи корӣ тӯли солҳо ҳосилкардаашро ба ҷавонон меомӯзонад. Дар ин маврид боре ҳам худситоӣ накардааст. Вагарна тайи се-чор соли охир маҳз бо саъю ҳаракат ва раҳнамоии ӯ корҳои шоёне ба сомон расидаанд. Аз ҷумла, дар қаламрави вилоят зиёда аз се ҳазору 650 километр иншоотҳои ирригатсионӣ рӯйи таъмиру сохтмонро диданд. Ҳолати мелиоративии қариб 58 ҳазору сад гектар майдони заминҳои кишт беҳ гардид. Самараи ин саъю ҳаракатҳо буданд, ки ҳосилнокии ин заминҳо қариб ба даҳ сентнерӣ афзуд.

Ҷӯра Қараев аслан аз деҳаи Поршти ноҳияи Фориш мебошад. Падараш замони азхудкунии заминҳои бекорхобида ба дашт кӯч бастааст.

Ҷӯраака ҳамроҳи ҳамсараш Мамлакат чаҳор нафар писарро калон карда ба камол расониданд. Ҳоло ҳар яки онҳо дар ҷомеа мавқеъ пайдо кардааст. Аз ҷумла, калонӣ Бахтиёр омӯзгор, дуюмаш Хушбахт бо худаш дар як ҷо банди кор аст. Сеюмӣ Раҳматулло дар факултаи таърихи мактаби олӣ таҳсил мекунад. Аз ҳама хурдӣ дар синфи болоии мактаб меҳонад.

Хидматҳои Ҷӯра Қараев борҳо бо медалу ифтихорномаҳо ва мукофотҳои пулӣ қадр ёфтааст. Аз ҳама мукофоти олиро ҳамин сол соҳиб гардид, ки боиси фахру ифтихори ҳамагон мебошад.

Имсол Ҳукумати ҷумҳурӣ меҳнати чандинсолаи ӯро ба таври муносиб қадр намуд. Ӯро дар арафаи 31-умин солгарди ҷашни Истиқлолияти давлатӣ бо ордени «Дӯстлик» сарфароз гардонд. Аз ин подош аҳли байт, фарзандону наберагон хеле хушҳол гардиданд. Наздикон, ёру дӯстон то ба ҳол ба ин муносибат самимона табрику муборакбод мегӯянд.

–Ин мукофоти олӣ натанҳо барои ман, балки ба ҷамоае мебошад, ки дар он ҷо умре кору меҳнат мекунам,–мегӯяд Ҷӯра Қараев.– Дар кишвари азизи мо ҳар касе, ки сидқидилона меҳнат мекунад, қадр меёбад.

Кӯчқор ҲАКИМОВ,
профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ҷиззах.

Мафтуна Раҳмонова аз қабили бонувонест, ки ба соҳибкорӣ даст зада, бо корчаллонӣ ва ташаббускориаш вирди забони мардум гаштааст. Аз ин рӯ, дар маҳаллаи Турмушободи ноҳияи Сариосиё ҳама ӯро ба хубӣ мешиносанд ва эҳтиромашро ба ҷо меоранд.

КАМАРБАСТАИ ХИДМАТИ МАРДУМ

Қаҳрамони мо қариб 15 сол аст, ки мағозаи хӯрокворӣ кушода, дар хидмати мардум камарбаста мебошад. Ӯ зодаи ноҳияи Деҳнав буда, бо амри тақдир ба маҳаллаи мо – Турмушобод, ба хонадони Ҳабибаапа келин шуда омадааст. Хабибаапа низ наздикии 40 сол ба касби мудири мағоза машғул гашта, ҳоло даври пирӣ меронад.

Инак, касби хушдоманро имрӯзҳо Мафтуна идома дода истодааст. Ду сол пеш аз ин дар давраи карантин ба хонаҳои одамон маҳсулотро бурда тақсим мекард, ки аҳли маҳалла хеле миннатдор шуда буданд.

Соҳибкорӣ саводу таҷрибаи бойро талаб мекунад. Рости гап, нарху навои мағоза аз дигар мағозаҳо фарқ дорад, яъне арзон аст. Инро сокинони маҳаллаҳои «Турмушобод» ва «Галабутта» хуб медонанд ва ҳар замон ба ӯ миннатдорӣ изҳор менамоянд. Дар навбати худ Мафтуна низ бо муомилаи хубу хуш одамонро қабул ва гусел мекунад.

Саодат САИДОВА,
ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.

Дар мамлакатамон дар ҳамаи соҳаҳо, ба хусус, соҳаи хоҷагии қишлоқ ислоҳоти зиёд ба амал татбиқ мегарданд. Дар вилояти Навоӣ доир ба азхуд намудани заминҳое, ки солҳои зиёд истифода намешуданд, кандани чоҳҳо, ҷорӣ намудани технологияи қатрагӣ дар обёрӣ намудани заминҳо корҳои амалӣ бурда мешаванд.

Соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар 16 400 гектар замини вилоят технологияҳои обсарфакунанда ҷорӣ карда шавад. Дар беш аз 10700 гектари он пахта, 1730 гектар гандум ва 4 ҳазор гектари он меваву сабзавот ва токзорҳо барпо карданд. Дар гармхонаи замонавии корхонаи «Зарафшон голден гроуп»-и ноҳияи Кармана низ технологияҳои обсарфакунандаро ҷорӣ кардаанд. Ҳоло корхона аҳолиро бо сабзавот ва кӯчатҳои хушсифат таъмин менамояд.

Дар сурат: *дар гармхонаи замонавии корхонаи «Зарафшон голден гроуп».*

Суратгир: С. АСЛОНОВ. (ӮзА).

Адаш ИСТАД

АБРАКАДАБРА

(Ҳикоя)

Буд набуд як кишвари пунбакор буд. Пунба маҳсулоти асосӣ буд. Пунбаро дар заминҳои колхоз мекориданд. Корхонаҳои саноатӣ кам буданд. Баъзе касон дар рӯзномаҳо менавиштанд, ки дар дараи кӯҳии Абракадабра истироҳатгоҳҳо барои сайёҳони хоричӣ сохтан лозим, то ки ҷавонон ба шаҳрҳои дур ба мардикорӣ нарафта, ҷои кор дошта бошанд. Аммо роҳбарон пунба ба гӯши худ ниҳода худро кар вонамуд мекарданд, гӯё садои онҳоро намешуниданд.

Дар дараи Абракадабра як ғори бостонӣ буд. Ин ғор аз ҷониби донишмандони археолог омӯхта шуда буд. Аз ин ғор ҳайкалчаи сафолии модархудои бостонӣ Аноҳито пайдо шуда буд. Дар пешгоҳи ин ғори тор як равзанае буд, ки аз он дар нисфи рӯз хуршед чеҳраи худро намоён мекард. Ҳама касоне, ки дар ин вақт даруни ғор буданд, мегӯянд, ки курси офтоб ба чеҳраи занона, чуноне ки дар пештоқи мадрасаи Шердори Самарқанд мебинед, намоён мешавад. Яъне чашмони зебои занона ва аз ду бари рӯяш зулфаконаш мавҷзанон овезон. Дар ин лаҳза даруни ғор пур аз накҳати мушки анбар мешавад ва мардум аз он маст мешаванд.

Аммо...

Ҳамин вожаи “аммо” набошад, олам дигар намешавад.

Дар ин дараи Абракадабра ҳамагӣ як деҳа буду дар ин деҳа як домулло. Домуллои мадрасаи диниро хатмкарда не. Ҳамтуки як худомӯз. Аз ҳуруфи арабии Қуръон якеро ҳам талаффуз карда наметавонад, хусусан он ҳарфҳое, ки дар забони тоҷикӣ нестанд. Аммо идҳои динӣ ҳастанд, азодорӣ ва дигар маъракаҳо бе иштироки рӯҳонӣ намегузарад.

Ба ин сабаб ин муллои чаласаводро эҳтиёт мекарданд, ҳурматашро ба ҷо меоварданд. Чи хеле аз бенамакӣ сангро намаку аз беамакӣ бузро амак мегӯянд. Ҳамин ҳамон равзанаи хуршедии ғорро бо оҳанбетон баст. Дигар овозаи ин қадамҷо ба тамоми кишвар паҳн шуду мардум савораву пиёда гурӯҳ-гурӯҳ омада гӯсфанд қурбонӣ карда, аз ин Мулло Қаландари бонии ин қадамҷо дуои кушоиши кору дафъи монеаҳо гирифта, кисаҳои худро пеши ӯ холӣ мекарданд.

Дар ин деҳа мактаби миёна буд, дар он омӯзгорони маълумоти олидор буданд, масалан муаллими фанни таърих эшони Исоҳоҷа хуб медонист, ки паёмбар Сулаймон натанҳо ба ин ҷо, балки ба кишвари ҳамсоя ҳеҷ гоҳ пой нагузоштааст. Аммо шиорашон он вақт чунин буд: “Ҳар кас тавонаду дарнамонад”. Ӯ мегуфт: Ин дунё пур аз дурӯғ. Маро эшон мегӯянд, аз дигарон, ки эшон нестанд, чӣ фарқе дорам?

Дар олам ягон чиз абадӣ нест. Инро ҳама медонанд. Умри дурӯғ кӯтоҳ аст, мегӯяд мардум.

Рӯзе як ҷодугари ҷавон, ки ҷодугариро дар Кашмир омӯхта буду зодаи ҳамин деҳа буд, ба дидорбинии хешовандонаш омад. Падару модари ин ҷавон дар вақти тифлии ӯ вафот карда, бачаро чаласавод, ки дар симо шоҳбузи Рухсоракампири садсолаи деҳаро ба ёд меовард, хост ки ҳамин ғорро ба мақсади сарватҷамъкунӣ истифода кунад. Ӯ дар ҳар як маърака бо такрор мегуфт, ки дар кадом як китоби дастхат хондааст, ки ин ғор қадамҷои паёмбар Сулаймон будааст. Ин рӯҳонии маккор пеш аз чунин афсонабофӣ боғу полизҳо ҳуҷум карданд. Яъне дар боғу полиз аз ҳосил чизе намонд. Онҳо ба забони тоҷикӣ гап мезаданд, ба сокинони деҳа “Ҳоло низ пунба корида гаштетон-мӣ?” гӯён забонашонро бароварда масхаракунон механдиданд.

Баъд Говмард берун омад, ҳамон говмарде, ки дар ривоятҳои таърихӣ тасвир кардаанд. Ӯ даъво кард: Одамҳо ҳама аз ман пайдо шудаед. Ба ман ҳар рӯз даҳ кило гӯшти гӯсфандро пухта биёред.

Рухсораи кампир гуфт: – Ту аз раиси колхоз ҳам баднафстар будаӣ! Ба ман ин хел ачдод ҳеҷ лозим не! Ту на гову на одам. Метонӣ алаф хӯрӣ! Не, ба ман деликатес тед будас.

Зоғҳои сиёҳи сухангӯй пайдо шуданд, ки доим ғайбат мекарданд. Шиор медоданд: “Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!”.

– Инҳо тарғибгар, – гуфт домуллои деҳа,– душманони дин, яъне атеист!

– Ҳама сер, ҳама сарватманд, мо дар биҳишт! – қар-қар мекарданд зоғҳои сиёҳ.

Тӯтиҳои ҳиндӣ пайдо шуда мегуфтанд: – Замони пеш хуб буд, имрӯз – ганда. Мо – тӯтиёнро дар қафас меандозанд, зеро мо сухани ростро мегӯем!

– Шумоён мухбири газетаи “Правда”? – фарёд кард домулло.

Гӯсфанде баромад, сараш ба каллаи одам монанд ва гуфт: – Киро аз Пули Сирот гузаронам? Ба ивази даҳ ҳазор доллар.

– Ту ришвахор? – дод гуфт ҷодугар.

– Ин ҷо аксарият ришвахоранд, ман аз инҳо кам нестам! – гуфт гӯсфанди одамсар.

– Барои ришвахориро нест кардан ин сари одамро аз ҷисми ҳайвонӣ ҷудо кардан мебояд, – фикр кард ҷодугар, – аммо сари ин гӯсфандро чӣ тавр буридан мумкин? Сари одам аст ин, гуноҳи азим аст!

– Ин дӯкони касофатро кай мебандӣ? – ба сари ҷодугар дод зад мулло Қаландар.

– Ҷин аз кӯза берун баромадааст. Ҳаракат кардам, дароварда нашуд. Инҳо ҳама тобеи худоҳои бостонианд. Бояд аз музейи бостоншиносӣ ҳайкалчаи модархудоро гирифта ба ғор дарорем, ҳамаи ин рӯъёҳо гум мешавад, – гуфт ҷодугар.

Онҳо ҳар ду ба осорхонаи бостоншиносӣ рафта талаб карданд, ки ҳайкалчаи сафолии модархудо Аноҳиторо муваккат диҳанд. Надоданд. Қонун манъ кардааст. Сипас аксашро гирифта ба кулол фармуданд, ки нусхаашро созад.

Ҳамон дақиқае, ки пайкараи сафолии модархудо Аноҳито ворид ғор гардид, ин ҳама синамои галлографӣ, ки қисса кардам, дар ҳаво бухор гардид.

Домулло ҳайкалчаро зери кӯрпача руст карда, дар назди зоирон ҳар рӯз дуо мехонад.

Тонаду дар намонад! Дунё дунёи кӯтур, гурба дар болои шутур.

Аз силсилаи «Шаҳрҳои ҷаҳон»

ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ «ТИРОЗИ ҶАҲОН»

Хуҷанд – ҳозира маркази сиёсӣ-маъмурии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шаҳрҳои зебо ва қадима дар Осиёи Марказист. Дар даврае, ки баҳодиҳӣ ба шаҳрҳои асримиёнагӣ анъана гардида буд, Хуҷанди бостонро «Тирози ҷаҳон» (арабиаш «Арӯс-ал-мамолик») номидаанд, ки ин низ ишора ба зебоии он аст. Ибни Ҳайкал қайд намуда: «Байни вилоятҳо аз ҷиҳати ҳусну назокат Хуҷанд ягона мебошад».

Ал-Муқаддасӣ махсус таъкид сохта буд, ки «Хуҷанд шаҳри пурҳаловатест дар ин сӯ, аз он дида шаҳри дилкаштаре нест, аз байнаш наҳре ҷорист ва дар шафаташ кӯҳест, ки онро оқилону шоирон маҳду сано мегӯянд ва дар Шарқу Ғарб зеботар шаҳре аз он нест, вай мафтункунандаву дилрабост, касонро мабҳут месозад, ба форсӣ онро «дил бибурда» гӯянд».

Бинобар он ки роҳи корвонгузари тиҷоратии асримиёнагӣ – «Роҳи бузурги абрешим» аз Хуҷанд низ мегузашт ва байни Мовароуннаҳру Ҳиндустону Эрону Чин ва қисме аз мамолики Шарқи Наздик, ҳамчунин ҳавзаи баҳри Миёназамин равуоҳо устувор буданд, «Тирози ҷаҳон» ҳамчун яке аз марказҳои савдою тиҷорат ном бароварда буд. Дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ Хуҷанд ба яке аз марказҳои иқтисодию мадании Тоҷикистон табдил ёфт. Дар ибтидои солҳои ҳаштодуми қарни сипаришуда дар шаҳр бештар аз 25 корхонаи саноатӣ вуҷуд дошт. Хусусан комбинатҳои равған, масолеҳи бинокорӣ, истеҳсоли зарфҳои сирдор, маснуоти оҳану бетон, фабрикаҳои пойафзордӯзӣ,мебелсозӣ, абрешимбофӣ самаранок фаъолият бурда, маҳсулоти саноати шаҳр ба Булғория, Куба, Руминия, Венгрия, Муғулистон, Афғонистон, Ҳиндустон ва кишварҳои дигари дунё экспорт карда мешуд.

Баъде иттиҳод пош хӯрд, бинобар канда шудани риштаи муносибатҳо ва сабабҳое, ки ба мо маълуманд, бӯҳрони иқтисодӣ дар корхонаҳои хурду бузурги Хуҷанд низ ҳис гашт, ҳатто корхонаи машҳури «Абрешими Хуҷанд» аз фаъолият бозмонд. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ коргоҳҳои хусусию саҳҳомӣ пайдо шуданд.

Зодгоҳи чандин бузургмардони олами илму фарҳанг, адабиёту ҳунар будани Хуҷанд ба ҳама маълум. Мунаҷҷим ва риёзидони номвари асримиёнагӣ Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ зодаи «Тирози ҷаҳон» аст.

Шоираи номвари форсӣтоҷик Маҳастиро, айни замон, Хуҷанд ватани бобоист.

Яке аз чеҳраҳои намоён дар адабиёти классикиамон Хоҷа Камол низ зода ва парвардаи Хуҷанд аст, ҳарчанд бинобар шароити зиндагӣ ва душвориҳои давр ҷилои ватан кард, ба сарсониҳо дучор шуда, поёни умр дар Табрез гузаронд. Хуҷандиён хотираи ин фарзанди фарзонаи диёри худро ҳамеша пос дошта ва нисбаташ эҳтиром гузошта омадаанд. Соли 2015 боғи истироҳатӣ-фарҳангии ба номи Камоли Хуҷандӣ аз таъмир баромад ва куллан симои пештарааш дигар намуд. Пайкараи Камол, мақбара ва чорбоғи рамзии шоири ширинкаломи тоҷик диққати ҳар бинанда ва зиёратгари шаҳрро ба худ мекашад.

Истгоҳи роҳи оҳани Хуҷанд вилояти Суғдро ба қисми ҷанубии Тоҷикистон, инчунин бо дигар минтақаҳои давлатҳои хориҷи дуру наздик пайваст менамояд.

Қисми шимолӣ ва ҷанубии кишварро, айни замон, роҳи автомобилгарди Душанбе – Хуҷанд – Чаноқ мепайвандад, ки 354 километрро ташкил менамояд. Шоҳроҳи мазкур соли 2021 аз нав таъмир гашт.

Дарозии умумии нақбҳо (роҳҳои дохиликӯҳӣ дар ағбаҳо) бештар аз 10 километрро ташкил менамояд. Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд дар масофаи 12 километр дуртар аз шаҳр воқеъ буда, дар он хатсайрҳои мустақими доимӣ ба як қатор давлатҳои ИДМ, Ҳиндустон, Чин, Амороти Араб ва ғайра амал менамоянд ва соле бештар аз 600 ҳазор нафар сафариён аз хидматҳои он баҳра мебардоранд.

Анъанаҳои ба худ хоси фарҳангии Хуҷанди бостон дар рӯзҳои мо идома ёфта ва ҳаёти маданӣ ба истироҳати бофароғат, вусъати ҷаҳонбинии маънавии мардум мусоидат менамояд. Дар шаҳри Хуҷанд театр ва марказҳои фарҳангӣ, толорҳои консертӣ, китобхонаҳои оммавию хусусӣ, осорхона ва ёдгориҳои таърихӣ таваҷҷуҳи сокинон ва меҳмононро ба худ мекашанд.

Дар давраи шӯравӣ танҳо як мактаби олӣ – Донишкадаи омӯзгории Хуҷанд фаъолият мебурду халос. Алъон баробари Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров боз Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, айни замон Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ дар шаҳр фаъолият менамояд.

Дар «Тирози ҷаҳон» ёдгориҳои таърихӣ низ бисёр. Мақбараи шайх Муслиҳиддин аз асри XVI инҷониб яке аз зиёратгоҳҳои муқаддас. Сайёҳу зоирони ватанию хориҷӣ ба ёдгориҳои таърихию меъмории Ӯрда – боқимондаи қалъаи Хуҷанд таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Осорхонаи таърихии вилояти Суғд воқеъ дар Хуҷанд аз гузаштаи пуршаъни шаҳри соҳили Сир, ки Темурмалик барин фарзандони шуҷоъ дорад, ҳикоят мекунад. Доир ба корномаи Темурмалики хуҷандӣ, ки алайҳи чингизиён мардонавор рамида, дар худ намунаи олии ватанпарастӣ таҷассум намудаст, китобҳои зиёд навишта шудааанд.

Дар соҳили рости дарёи Сир боз як ёдгории пуршукӯҳ ба чашм мерасад – муҷассамаи бунёдгузори аввалин давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ (дар сурат).

Шахсиятҳои номдор, аз қабили академикҳо Муҳаммад Осимӣ ва Юсуф Носиров, овозхонҳо Боймуҳаммад Ниёзов ва Маъруфхоҷа Баҳодуров, ки аз Хуҷанд баромадаанд, ифтихори Тоҷикистон низ мебошанд.

Шоирон Муҳиддин Аминзода, Розия Озод, Мавҷуда Ҳакимова, Озод Аминзода, Аскар Ҳаким, Норинисо Алимуҳаммадова, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, нависандаи забардасти тоҷик Раҳим Ҷалил дастпарвароні мактаби адабии Хуҷанд буда, шогирдони зиёд тарбият намудаанд, ки қисме аз онҳо алъон ба дарачаи устодӣ расидааанд. Аз ҷумла, шоирони мардумии Тоҷикистон Фарзона, Озарахш ва Аҳмадҷони Раҳматзод дар Хуҷанди илму адабпарвар дар суханварию омӯзонидани дарсҳои маҳорат ба навниҳолони боғи адабиёт анъанаҳои деринро идома мебахшанд.

Дар Хуҷанд маҷмӯъи таърихию фарҳангӣ мавҷуд бо унвони «Истиқлол», ки чорабиниҳои маънавию маърифатӣ ба таври хотирмон дар он таҷлил мегардаанд. Аз ҷумла, қайд шудани Рӯзи шаҳри Хуҷанд дар маҷмӯъ ба иштирокдорон таассороти хуб мебахшад. Маҷлиси вакилони шаҳри Хуҷанд ҳашт сол қабл аз ин нишони шаҳрро тасдиқ намуд ва қарор кард 25 сентябр Рӯзи шаҳри Хуҷанд эълон карда шавад. Рӯз муборак, Хуҷанди бостон ва тозаҷавон!

М. ШОДИЕВ.

Маълум аст, ки миёни вилояти Ҷиззах ва Суғди Тоҷикистон оид ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар ҷодаи савдо, саноат, иқтисодиёт ва фарҳанг «Харитаи роҳ» ба тасвиб расидааст. Ин ҳамкориҳо ҳоло меваи худро медиҳанд. Ҳайатҳо аз ҳар ду ҷониб ба вилоятҳои якдигар сафарҳо кардааанд. Аз ҳаёти иқтисодии минтақаҳои мазкур дидан карда, бо рафти ҷараёни истеҳсолот ва дастовардҳо шинос шуданд.

БАЁЗИ ДӮСТӢ ОМОДАИ НАШР АСТ

Чанд муддат муқаддам Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон ва бахши вилоятии он бо ҳамкории Маркази маънавият ва маърифати ӯзбекони вилояти Суғд ба интишори баёзи эҷодкорони Ҷиззах ва Суғд пардохтанд.

Назар ба гуфти раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов ба ин баёз бо дӯстони суғдӣ маслиҳат намуда, «Меҳрнома» ном ниҳодааанд. Баёз бо кумаки гранти фонди дастгирии ташкилотҳои нодавлативу нотиҷоратӣ ва дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандии назди Олий Маҷлис, маблағи ҳомиён рӯйи чопро хоҳад дид.

Барои нашри китоб раиси бахши тоҷикии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон дар вилояти Самарқанд, шоир Асадулло Исмоилзода ва узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистону Тоҷикистон Юнуси Имомназар аз наздик кумак мерасонанд.

Дар китоб баробари ҷо додани намунаҳои эҷоди шоиру нависандагони номии Ҷиззаху Навоӣ боз аз шеъру ҳикояҳои қаламкашони ҷавон истифода хоҳанд кард, ки ин ҳама ба забони тоҷикист.

Дар бахши дуюми «Меҳрнома» асарҳои эҷодкорони ӯзбекзабони вилояти Суғд ҷой хоҳанд гирифт.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Варзиш

Тайи чанд сол аст, ки варзишгарони ҷавони мактаби рақами 67-уми ноҳияи Сариосиё таҳти роҳбарии муаллими пуртаҷриба аз фанни тарбияи ҷисмонӣ Нуриддин Холиқов дар мусобиқаҳои ноҳиявию вилоятӣ доир ба намудҳои гуногуни бозиҳои варзишӣ, хусусан, футбол, баскетбол, тӯби дастӣ, шоҳмот, стритбол, бадминтон ва теннис ҷойҳои асосиро ба даст оварда истодаанд.

ИФТИХОРИ МАКТАБ

Бар замми ин, дар таълимгоҳи мо таҳти роҳбарии ин омӯзгори номӣ маҳфили варзишӣ аз намуди тенниси рӯйи миз ташкил карда шуд. Ҳоло маҳфил самараи худро дода истодааст, бигӯем иштибоҳе нахоҳад шуд. Зеро чанде пеш яке аз шогирдони мактаб Фарзона Абдусатторова (хонандаи синфи 10) дар мусобиқаи «Олимпиадаи 5 ташаббус», «Умид ниҳоллари» соҳиби ҷойи намоён гашта, дар мусобиқаҳои вилоятӣ ҷойи савумро ба даст овард, ки ин на танҳо фахри мактаб, балки ноҳия низ мебошад. Ман, ки бо ӯ ҳамсинф ҳастам, бо пирӯзиҳои Фарзонаи варзишдӯст ифтихори бештаре дорам. Умед ба он мебандам, ки Фарзона оянда дар мусобиқаҳои бонуфуз ширкат варзида, номбардори мактабу ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ мегардад.

Шоҳина ДАВЛАТОВА,
хонандаи мактаби
67-уми ноҳияи Сариосиё.
Вилояти СУРХОНДАРЁ.

МИЗБОНОН ҒАЛАБА КАРДАНД

Дар Тошканд байни футболбозони аз 25-сола боло мусобиқаи байналхалқии мини-футбол дар байни ходимони Шӯрои иттифоқи касабаи кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд.

Дастаҳои яккачини Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон дар маҷмӯаи варзишии «Юнусобод» қуввааозмоӣ карданд.

Дар рӯзи аввали мусобиқа дастаи мамлакати мо бо ҷамоаи Қазоқистон рӯ ба рӯ шуд. Бозӣ бо ҳисоби якранг – 1:1 анҷом ёфт. Дар талоши дуюм дастаи Қазоқистон ҷамоаи Тоҷикистонро бо ҳисоби 6:5 мағлуб намуд.

Рӯзи дуюми мусобиқа ҷамоаи Ӯзбекистон дастаи Тоҷикистонро бо ҳисоби 9:5 мағлуб кард. Дар сабқати ҳалкунандаи мусобиқа ҷамоаи Ӯзбекистон бо дастаи Қазоқистон рӯ ба рӯ шуд ва бо ҳисоби 2:0 ғалабаро ба даст овард. Голибон бо медалҳои тиллоӣ ва ифтихорномаи созмондиҳандагони мусобиқа мукофотонида шуданд. Соҳиби ҷойи дуюм – дастаи яккачини Қазоқистон ва ҷойи сеюм, ҷамоаи мунтахаби Тоҷикистон низ бо медалҳои нуқраву биринҷӣ, ифтихорномаву тӯҳфаҳои гаронбаҳо сарфароз гардиданд.

Мусобиқаи мазкур аз аввалин турнирҳои байналхалқии Шӯрои иттифоқи касабаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, ки барои чемпионати Осиё дарси маҳорат гардид.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

МУШОҲИДА ВА МУЛОҲИЗА

«ҲЕҶ ГАНҶЕ НЕСТ АЗ ФАРҲАНГ БЕҲ...»

Беш аз бист сол аст, ки бо матбуот сару кор дорам. Мактаб ҳам бароям бегона нест. Дар солҳои гуногун шароит тақозо намуд, ки дар паҳлӯи омӯзгорон кор кунам. Ҳамин як сол муқаддам бо пешниҳоди Маркази маънавияти ҳокимияти ноҳияи Фориш ва даъвати маъмурияти мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 46-ум он ҷо ҳамчун тарғибгари корҳои эҷодӣ-фарҳангӣ ба кор пардохтам. Дар давоми як сол мушарраф гардид, ки барнома ва вазифаҳое, ки оид ба маънавият аз ҷониби Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ пешниҳод мешаванд ва алалхусус барои барпо кардани Ӯзбекистони Нав равона карда шудааанд, иҷро намоем. Дар дили наврасону ҷавонон барои ташаккул додани ҳисси ватандӯстӣ, тарбияи фазилатҳои нек, эҳтиромі волидайну устодон, донишомӯзӣ кӯшиш ба харҷ додем. Онҳо ба як қатор комёбӣ ва муваффақиятҳо ноил шуданд. Дар озмуну маҳфилҳои гуногуни ҳунарӣ ширкат варзиданд ва соҳиби ҷойҳои муносиб гардиданд.

Бо вуҷуди ин ҳама комёбиҳо камбудиву норасоиҳо низ на танҳо дар мактабҳои таҳсилашон ба забони тоҷикӣ, балки дар маҳалҳои тоҷикнишин арзи вуҷуд доранд, ки касро ба риққат меоварад. Як сол аст, ки ба мактабу маҳаллаҳо рӯзнома мебарам. Он аз ҳисоби буҷа ройгон дода шудааст. Аммо то ҳол нафареро дар мактабҳо надидаам, ки худ ба рӯзнома обуна шуда бошад. Ё худ китоби тоҷикӣ харида, ба китобхона тақдим намуда бо ин васила ба қадре ғанӣ гардидани хазинаи маънавии мактаб ҳиммат зоҳир намуда бошад. Ҳамкории мактаб, маҳалла ва оила хуб роҳандозӣ нагардидааст.

Волидон ҳам аз ҳоли фарзандони худ хабар намегиранд. Ҷойи китобу китобхониро телефон ва андармонӣ бо он иваз намудааст. Одамони фарҳангдӯст ангуштшуморанд. Мебояд, ки баҳри инкишоф додани фарҳангу маънавият сарвароні муассисаҳои таълимӣ, раисони маҳаллаҳо ва билохира ёварони ҳоким бояд мусоидат намоянд. Дар ин замина вақти он аст, ки аҳли зиё зуд-зуд ба маҳалҳои тоҷикнишин, мактабҳои таҳсилашон ба забони тоҷикӣ сафарҳои эҷодӣ созмон диҳанд. Сӯҳбату мулоқотҳо сари мавзӯи маърифат, маънавият ва адабиёту фарҳанг бояд сурат бигирад.

Ба унвони садорату идораҳо номаҳои алоҳида баҳри дастгирӣ ва ташкил намудани кори обуна равона карда шавад. Дар он сурат бархе аз афроде, ки ин ганҷи пурқимат – фарҳангро ба гӯшаи фаромӯшӣ ниҳодааанд, бори дигар ба ёд меоваранд ва дубора рӯй бар он менихаанд. Рӯдакии бузургвор хеле хуб фармуда:

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Анорбой НАЗАРОВ.
Вилояти ҶИЗЗАХ.

РОҲҲАТИ ОЛИМПИРО БА ДАСТ ОВАРД

Дар шаҳри София чемпионати ҷаҳон оид ба намуди атлетикаи сабук ба поён расид. Дастаи яккачини Ӯзбекистон дар байни беш аз 150 кишвар ҷои 7-умро ишғол кард, ки дар он вакили самарқандӣ Таҳмина Икромова саҳми арзанда гузошт.

Вақте ки Таҳмина бо дугонааш Асалой Аҳмадова барои иштирок дар чемпионат сӯйи пойтахти Булғорияро пеш гирифт, модараш Мадина Икромова даст ба дуо бардошта гуфт:

– Бачаҷон, илоҳӣ ҳамеша рӯҳи поки падари бузургвор туро дастгирӣ кунад ва комрон бошӣ!

Воқеан, чанде пеш дар шаҳри Кунияи Туркия Таҳмина дар мусобиқаи байналмилалии 5-уми Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ пирӯз шуд ва ҳангоми ба ӯ медали тилло супурдан, беихтиёр ашк рехт ва гуфт: «Дадаҷон, муваффақият ва сарбаланд гардиданам аз дуои хайри шумо ва дастовардҳои ман барои шумо...»

Таҳмина дар оилаи шифокорони дилбастаи варзиш ба дунё омад. Шояд аз ҳамин сабаб падари бузургвораш Иззатулло Икромов (илоҳӣ рӯҳаш шод бод!) Таҳминаро ба сексияи атлетикаи сабук оварда, ба дасти мураббии ғамхору меҳрубон Елена Асланова супурд. Вай аз рӯзи нахустин дилгармона ҳар як талабу дархости мураббии ғамхору меҳрубонро иҷро кард. Ҳангоми бори нахуст духтараки ба варзиш маҳлиё дар Самарқанд ҷоиза гирифт, қиблагоҳаш ния карда буд, ки фарзандаш чемпиони ҷаҳон шавад.

Соли гузашта дар шаҳри Маскав чемпионати ҷаҳон баргузор гардид ва барои ҷоиза гирифтани варзишгари самарқандӣ ҳамагӣ чанд хол нарасида буд.

– Шогирдам дар мусобиқаҳои гуногуни байналхалқӣ, чемпионати Осиё аз шоҳсуфаи баланд ҷой гирифтааст, – мегӯяд устодаш Елена Асланова, – зеро ӯ қариб 15 сол боз бо варзиш пайваста машғул мешавад. Иродаи қатъӣ, кӯшишу ғайрати зиёд дошта, далеру чолок, бебоку ҳақталаби мардтинат аст. Ҳамин сол дар пойтахти ватанамон ҷоми ҷаҳонӣ шуда гузашт ва шогирди азизам се медали тилло ва як биринҷӣ ба даст овард.

Дар Булғория шогирдон бо тӯб, тасмаи абрешимин, чанбарак, шашпар, яъне чӯби дастадор машқҳои гуногунро иҷро карданд. Албатта дар байни вакилони беш аз 150 мамлакат дастболо шудан кори осон нест.

– Аз муваффақияти мо бисёр чизҳо вобаста буда, барои ба муроди дил расидан хеле талош варзидем, – мегӯянд варзишгарони самарқандӣ, – роҳхат ба Олимпиадаи Парижро ба даст овардем.

– Дар София варзишгарони номдори соҳибтаҷриба ҷамъ омаданд, ки дар байни онҳо се карат чемпиони ҷаҳон низ буд. Бо вуҷуди он ҷойи чорум насиби ман шуд. Дар таърихи атлетикаи сабук дастаи яккачини Ӯзбекистон ҷойи ҳафтумро гирифт, ки нисбат ба солҳои гузашта хеле баландтар ва олиҷаноб аст. Мо аз ғамхорӣ ва диққату эътибори сарвари давлатамон рӯҳбаланд гашта, дар Париж комёбиҳои назаррасро ба даст оварда, боварии Президенти кишварро сафед хоҳем кард, – гуфт Таҳмина.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва хаборoти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925. Адади нашр 4710 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.